**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна «**Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ**» барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)

Бо густариш ёфтани иқтисоди бозаргонӣ дар ҷумҳурӣ ва рушду ривоҷи муносибатҳои иқтисодии мутақобилан судманд бо бисёре аз мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва хориҷи дур, ҳамвора тавсеа бахшидан ба равандҳои мубодилаи дастовардҳои фарҳангӣ ва арзишҳои гуногун боиси афзоиши талабот ҷиҳати омӯзиш ва азхудкунии амиқу ҳамаҷонибаи забонҳои хориҷӣ мегардад. Дар робита ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо иброз намудаанд, ки сиёсати Ҳукумат доир ба забон, дар қатори забони тоҷикӣ, амалкарди баробарҳуқуқи дигар забонҳоро таъмин месозад ва барои азхудкунии онҳо имконият фароҳам меоварад. Дар ин ҳол, омӯхтану азхудкунии забонҳои хориҷӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ, бар зарари забони давлатӣ нахоҳад буд.

Дар ҷумҳурӣ низоми таҳсилот то замони истиқлол мероси низоми марказонидашудаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ки бовижагиҳои хос дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии кишвар амал менамуд. Бинобар рушди бемайлони ҷомеа ва пайдо гардидани зарурат омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо густариши назарраси соҳаҳо, ҳолатҳо, намудҳо ва шаклҳои фаъолият ҳамеша масъалаи мубрам боқӣ мемонад.

Дар шароити ҳамкориҳои байналмилалии устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисони донандаи хуби забони англисӣ ва қодир ба истифодаи пурмаҳсули он дар ҳолатҳои воқеии касбӣ ва муошират ҳамарӯза дар ҳоли афзоиш мебошад.

Вобаста ба талаботи замон, андешидани чораҳои муассир оид ба такмили минбаъдаи шакл ва методҳои таълиму тарбия ҳамчун

воситаи муҳими муоширати байналмилалӣ як амри зарурӣ ба ҳисоб меравад. Иқдомоти саривақтии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифодаи амалӣ ва коркарди методикаи муосири таълим, эҷод ва такмили маводи таълимӣ, аз ҷумла, низоми мултимедӣ дар якҷоягӣ бо равишҳои худомӯзӣ ҷиҳати амалигардонии ҳадафҳои инфиродӣ шароити омӯзишро ба таври мусоид фароҳам намудааст.

Таҳияи усулҳои нави омӯзиши забонҳои хориҷӣ, корҳои ташкилӣ, методӣ, илмӣ ва иттилоотии раванди таълиму тарбия, ки, пеш аз ҳама, ба "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад, вобастагӣ дорад.

Айни замон рушди ҳамаҷонибаи робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷаи дуру наздик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан татбиқ шуда истодааст, яке аз роҳҳои мубодилаи дастовардҳои фарҳангӣ ва арзишҳои гуногуни миллӣ ба шумор меравад. Бо афзудани талабот ба омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ, боис ба таҳкими сиёсати давлатӣ дар самти ташаккул ва рушди муҳити бисёрзабонӣ дар ҷумҳурӣ мебошад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани сифати таҳсилот ва такмили таълим ва омӯзиши забони англисӣ, асосан, ба ташаккули шахсияти комил ва ҳамаҷониба рушдёфта нигаронида шудааст.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 беҳтаршавии низоми идоракунӣ дар раванди таълими забони англисӣ, таъминоти методӣ ва кадрии низоми таҳсилот, ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосӣ дар самти мазкур муайян карда шудааст. Мутобиқсозии раванди таҳсилот ба талаботи замони муосир, ки дар ҷумҳурӣ роҳандозӣ мегардад, пеш аз ҳама, барои мутобиқ сохтани низоми таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба сатҳи байналмилалӣ нигаронида шудааст, ки бидуни мубодилаи робитаҳои байнифарҳангӣ ва байналмилалӣ амалан имконнопазир мегардад.

Донистани забонҳои хориҷӣ ҷиҳати ошноӣ ва арзёбии шоҳкорҳои фарҳанги ҷаҳонӣ кӯмак расонида барои пайдо кардани

роҳи ҳалли бисёре аз масъалаҳои раванди таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хусусан, забони англисӣ мусоидат менамояд.

Интихоби мавзӯи таҳқиқотии мазкур ғояи ташаккулёбии тафаккур ва инкишофи нутқ дар пажӯҳишҳои фалсафӣ ва психологию педагогӣ дар бораи қонуниятҳои инкишофи шахсият ва тафаккури ӯ мебошад.

Илова бар ин зимни баррасии мавзӯи мазкур соҳаҳои мухталифи инкишофи шахсият, синну сол, қонуниятҳо ва зинаҳои ташаккулёбии ӯ ба инобат гирифта шудааст.

Дар ҷомеаи демократии мо, ки методҳои наву такмилёфтаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ пас аз баррасӣ ва таҳлилу ташхис пазируфта мешаванд, бояд ҷиҳати рушду нумуи он дар миқёси илми педагогика тадбирҳои нав андешида шавад.

Тамоюл ба азхудкунии донишҳои забони хориҷӣ як навъ рамз ё нишонаи замон, талаботи ҳаёт, зарурати воҷиб барои насли ҷавон мебошад. Забони англисиро омӯхтани насли наврас муносибатҳои миёни халқҳоро осон мегардонад ва ба барқароршавии робитаҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва фарҳангӣ миёни кишварҳо мусоидат менамояд. Омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳадафи амалӣ, тарбиявӣ, таълимӣ ва рушду ривоҷдиҳанда дорад, ки дар зимн амалишавии мақсадҳои дурнамои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад.

Аҳамияти илмии диссертатсияи мазкур дар марҳилаи кунунӣ, аз ин лиҳоз назаррас мегардад, ки робитаҳои байналмилалӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва бозаргонӣ миёни давлатҳо густариш меёбанд.

Диссертант самтҳои таҳқиқи мавзӯъро мувофиқи мақсад дастабандӣ намуда, дар боби аввал доир ба асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии шахсият сухан ронда, боби аввал аз ду фасл иборат аст. Дар асоси таҳлили таҳқиқоти педагогӣ, психологӣ, фалсафӣ тавсифномаи объект ва мавриди таҳқиқот аз мавқеи равиши педагогӣ пешниҳод намудааст.

Дар боби дуюм, ки «Ташаккули рушди кобилияти коммуникативию нутқӣ дар омӯзиши забони англисӣ» номида шудааст, бо такя ба сарчашмаҳои назариявӣ натиҷаҳои бадастомада дар марҳилаҳои гуногуни кори таҷрибавию озмоишӣ пешниҳод гардида, шароити педагогии истифодаи самараноки технологияи педагогӣ, ҳамчун воситаи худсозмондиҳии фаъолияти таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Дар ин боб диққати махсус ба марҳилаи муайянсозӣ, танзим ва назорат дода шудааст, зеро ин марҳилаҳо қатъӣ буда, самти кор ва мундариҷаи ҳамаи марҳилаҳои минбаъдаи омӯзиши таҷрибавӣ мебошанд. Сатҳи пешакии омӯзиши таҷрибавӣ ба саволдиҳандае, ки ба муайян кардани сатҳи ибтидоии донишҷӯён дар бораи мавзӯи омӯзиш равона шудааст, инчунин санҷиши ибтидоӣ, аз ҷумла, иҷрои вазифаи мушкил ва масъалае, ки ба қабули навъҳои гуногуни сабабҳо нигаронида шудааст, ба муайян кардани сатҳи малакаи донишҷӯён дар се зерсохтор тартиб дода шудааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна «**Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ**» мазмуни асосӣ ва мухтасари рисоларо бо назардошти омилҳои сохториву мундариҷавӣ дар бар гирифта, доир ба мавзӯи таҳқиқот маълумоти дақиқи илмиро фаро гирифтааст. Тарзи масъалагузорӣ, таҳлил ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи маводи фаровони марбут ба мавзӯъ, факту далелҳои мушаххас ва музокирарониҳои илмиву мантиқӣ шакл гирифта, хулосаи ниҳоӣ муҳтавои умумии диссертатсияро ифода мекунад.

Дар баробари ин, баъзе мулоҳизоти хешро ҳамчун пешниҳод баён мекунем. Ба фикри мо хуб мешуд, ки баъзе паҳлуҳои мавзӯъ, аз ҷумла, дар меҳмонии редаксия дар қиёс бо маводи дигар нашрияҳо нишон дода мешуд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи «**Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти**

**касбӣ**» тамоми ҷанбаҳои мавзӯи таҳқиқро фаро гирифта, кори анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферат бо тамоми хусусият ва нишондодҳояш ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогика
ва психологияи ДДЗТ ба номи
Сотим Улуғзода — Қаюмов Абдулмаъин Ҷумахонович

Имзои Қаюмов А.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям

Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода — Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович